ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Хушвахтзода Қ.Х.______________
«__25__» ____XII____ с. 2020

# ХУЛОСА

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсия дар мавзӯи: «Афкори сиёсию ҳуқуқии Абуалӣ ибни Мискавайҳ» аз руйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба иҷро расидааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло ба ҳайси аспиранти шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Қодирзода Сайидмуссо Муҳибулло дар соли 2011 факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадӣ аз санаи 30 сентябри соли 2020, № 737 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Абдулхонов Файзалӣ Маҳмудович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи идоракунии давлатӣ ва худидоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад;

Мушовири илмӣ: Буризода Эмомалӣ Бозор – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул шудааст:

Мубрамияти мавзӯи диссертатсия бо он муайян мегардад, ки чӣ тавре Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Кишвар Эмомалӣ Раҳмон гуфтаанд: "Халқи тоҷик аз қадим ба илм ва таълиму тарбия эҳтироми хос дошт ва дар тӯли таърих нобиғаҳое ба дунё овард, ки дар рушди илми ҷаҳонӣ ҳиссаи бузург гузоштаанд" (Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар 18 марти 2020, ш. Душанбе // Манбаи дастрасӣ: http:// www.prezident.tj/node/ 22643.), инчунин "дар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори донишмандону муҳаққиқону маъруф зикр шудааст, ки замоне тоҷикони ориётабор дар саргаҳи инқилоби ақлии тамаддуни башарӣ қарор доштанд" (Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар 18 марти 2020, ш. Душанбе // Манбаи дастрасӣ: http:// www.prezident.tj/node/ 22643). Афкори сиёсию ҳуқуқии миллати тоҷик барҳақ тӯли ҳазорсолаҳо ташаккул ёфта, ганҷи фаровони истифоданашудаеро мемонад, ки бо сабабҳои объективию субъективии гуногун то имрӯз ба таври ҷузъӣ ва сатҳӣ аз ҷониби баъзе муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифта, вале ҳанӯз ба таври ҷиддӣ ва илмӣ таҳлилу баррасӣ нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки афкори ҳуқуқию сиёсии ниёгонамон аҳамияти бузурги илмию назариявӣ ва амалию ахлоқӣ дошта, фарҳанги мамолики исломӣ, махсусан мардуми форсизабон дар таърихи тамаддуни ҷаҳон ҷавҳари таълимоту таълифоти олимон, шоирон ва мутафаккирони ин минтақаро на танҳо илми адабу ахлоқ, риёзию тиб, нуҷуму механика, физикаю кимиё, балки сиёсат, таъриху ҳуқуқ ташкил медиҳад, ки ворисону парчамбардорони он мо – тоҷикон мебошем. Тоҷикон дар бунёди давлатҳои муташаккилу нерӯманд, офаридани нахустин арзишҳои фарҳангӣ, низоми одилонаи ҳуқуқӣ, осори ахлоқӣ ва таълифоти илмӣ саҳми беназир гузоштаанд. Омӯзиши афкори сиёсию ҳуқуқӣ ва адабиёти пурғановати ниёгон дар вазъияти кунунии ҷомеа, ки аксар қолабҳои фикрӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодию сиёсӣ таҷдиди назар мехоҳанд, бешак масоили мубрам аст. Пешоҳангону масъулини ин рукнҳои ҷомеаро зарур аст, ки

баҳри такмилу рушд ва ташаккули мафкураи созандаи афроди ҷомеа, ин манобеъ ва матолибро сармашқи кори худ қарор диҳанд. Зеро, маҳз меъёрҳои рафтор, махсусан талаботи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар ҳама даврру замон инсонро ба бурдборӣ, ҷавонмардӣ, саховатмандӣ, одил будан, шуҷоатмандӣ ва соири хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳидоят мекарду мекунад.

Муаллиф андешаеро пешкаш менамояд, ки аз таҳлилҳои объективии осори мутафаккирони асрҳои миёна (аз ҷумла: Мискавайҳ, Низомулмулк, Кайковус, Зоҳирии Самарқандӣ) ба вуҷуд омадааст, ки ба дарки воқеияти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа ва роҳ надодан ба ифроту тафрит мусоидат мекунад. Мутафаккирони асримиёнагӣ аз ҷумла, Мискавайҳ сарфи назар аз ҷонибдори назарияи идоракунии ашрофон, принсипи баҳисобгирии манфиати раият дар идоракунӣ ва мақсади асосии онро дар таъмини неъматҳо барои кулли ҷомеа эътироф мекарданд; усулҳои авторитариро дар идоракунӣ дастгирӣ намуда, аз шоҳ накӯкор будану раҳму шавқат доштанро нисбат ба халқ талаб мекарданд.

Дар диссертатсия чунин андешае пешкаш мегардад, ки дар ҷомеаи ориёии ормонӣ давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар робитаи ногусастанӣ бо меъёрҳои ахлоқию динӣ ташаккул ва такомул ёфтаанд. Дар робита ба ин мавзӯъ асри X, махсусан дар таърихи тамаддуни мардуми тоҷик қуллаи баландтарини рушди тамаддуну маърифат ва асри тиллоии миллат ба шумор меравад. Равшанфикрону мутафаккирони ориёиасл дар марҳилаи исломии рушд низ мавқеи пешоҳангии худро дар илму адаб, фарҳангу тамаддун, давлатдорию ҳуқуқэҷодкунӣ аз даст надода, баръакс, аҳли фазли ин давра, мероси дар гузашта хеле пешқадаму ғаниро таҷдиди назар намуда, онро дар шакли осори хаттӣ ба мо ба ёдгор гузоштанд. Ба андешаи муҳаққиқ, новобаста ба марҳилаи хеле ҳассоси давраи исломӣ дар таърихи миллат, мутафаккирони тоҷик тавонистанд, ки на танҳо осори гузаштагонро ҳифз намоянд, балки дар заминаи ин осори илмӣ ва адабии гаронбаҳоеро аз худ боқӣ гузоранд. Бешак, ситораҳои дурахшон дар илму адаби тоҷик дар асрҳои миёна хеле зиёданд ва дар ин миён Ибни Мискавайҳ ба худ ҷойгоҳи махсусро ихтисос додааст.

"Мутафаккирони асримиёнагии Шарқи мусулмонӣ саҳми боризеро дар рушди на танҳо афкори сиёсию ҳуқуқии форсу тоҷик, балки ба афкори сиёсию

ҳуқуқии ҷаҳон гузоштаанд", навиштааст профессор Рустам Шарофович Сотиволдиев (Ниг.: Сативалдыев Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекового мусульманского Востока (на примере «Кабуснамэ», «Сиасет-намэ», «Синдбаднамэ»). – С.6.)

Муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки эҳёи суннатҳои давлатдорӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ як ҷанбаи хеле муҳимми осори Ибни Мискавайҳ буда, ҷанбаи дигари он, таълимоти худи мутафаккир аст, ки ба таври мустақилона ва ё дар пайравӣ ба назарияи дигар мутафаккирон таҳия ва тадвин гардида, назарияи куллиеро ба вуҷуд овардааст, ки дар он падидаҳои башардӯстона барои имрӯз арзишманд ба назар мерасанд. Аз ин нуқтаи назар, мавзӯи дар рисола таҳқиқшаванда хеле мубрам буда, барои таҳқиқи амиқтару васеътар фаро гирифтани таълимоти ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ин мутафаккири беназир мусоидат хоҳад кард.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсиониро таърихи сиёсию ҳуқуқии рушди миллати тоҷик, инъикоси он дар афкор ва осори мутафаккирони тоҷик ва таҳавулоти афкори сиёсию ҳуқуқии миллати тоҷик мебошад. Дар диссертатсия таърихи пайдоиш ва рушди афкори сиёсию ҳуқуқии миллати тоҷик мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Ҳадафи асосии кори таҳқиқотӣ шарҳу баррасии амиқу маҷмӯи таълимоти сиёсиву ҳуқуқии мутафаккири бузурги тоҷикзамин Мискавайҳ мебошад.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои фалсафӣ, махсуси илмӣ ва хусусии илмӣ ташкил медиҳанд. Осори фалсафӣ ва методологии таҳқиқоти ҳуқуқӣ, масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқӣ, ҳамчунин таҳқиқот дар соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ ва таълимоти ҳуқуқӣ, ки ба қалами олимони намоёни ватанию хориҷӣ мансуб аст, асоси назариявии диссертатсияро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқот дар заминаи омӯзиши васеи маводи меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, осори мутафаккирони бузурги халқи тоҷик, муҳаққиқону олимони муосири ватанию хориҷӣ анҷом дода шудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро, пеш аз ҳама, рисолаи таҳқиқотӣ, ки нахустин диссертатсияи илмӣ дар доираи илми таърихи афкори ҳуқуқию сиёсӣ, таърихи ҳуқуқ ва давлати тоҷикон мебошад, ташкил медиҳад. Дар он андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Мискавайҳ – "Муаллими сеюм" ба таври мушаххас ва муътамад ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Навгониҳои рисола ба таври мушаххас аз нуқтаҳои зерин иборат мебошанд:

- бори нахуст аз тариқи шиносоӣ ва таҳлил мазмуну муҳтавои таълимоти Мискавайҳ, мафҳумҳо ва ҷанбаҳои ҳуқуқии осори мутафаккир мавриди таҳқиқи маҷмӯии таърихӣ-ҳуқуқӣ қарор дода шуда, арзишу аҳамияти назариявию амалии онҳо дар такмили ахлоқ ва фарҳанги ҳуқуқии аҳли ҷомеа, пешгирӣ аз каҷрафторию қонуншиканиҳо ва ҳар гуна зуҳуроти манфӣ ва номатлуби иҷтимоӣ исбот карда шудааст;
- бори нахуст андешаҳои Мискавайҳ дар бораи ҳуқуқ ва моҳияту вазифаҳои он таҳлилу баррасӣ шудаанд;
- андешаҳои мутафаккир доир ба пайдоиши ҷомеа ва ҳокимият муфассал шарҳу тавзеҳ ёфтаанд;
- таълимоти мутафаккир дар бораи вазифаҳои давлат, ниҳодҳои давлатӣ – сарвари давлат, талаботи мутафаккир барои довталабони мансабҳои давлатӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои мансабдорон дар муқоиса бо андешаҳои мутафаккирони дигари асримиёнагии мусулмон ва консепсияҳои муосири илмии таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ шарҳу тавзеҳ дода шудаанд;
- бори нахуст таълимоти Ибни Мискавайҳ оид ба таносуби дин ва давлат дар ҷомеа, идоракунии сиёсӣ ва як қатор масоили дигари мубрами илмӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои илмии боварибахш ба даст омадаанд.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия муҳаққиқи ҷавон ба хулоса меояд, ки ба андешаи Мискавайҳ, хушбахтии (саодати) ҳақиқӣ насиби он касе мешавад, ки аввал ҳуқуқ (шариат)-ро азбар намуда, худро бо он комилан мутобиқ созад ва

тибқи аҳкоми он амал кунад, сипас, замоне, ки ба булуғи ақлӣ ва рушди комил расид, бояд ҳикматро биомӯзад ва онро хуб дарк кунад. Ин андешаи Мискавайҳ дар замони муосир низ аҳамияти амалии худро гум накардааст, зеро ӯ талқин мекунад, ки зарурати аввали инсон ба камолоти ахлоқӣ расидан, рафтори худро бо меъёрҳои ҳуқуқии ҳукмрон дар ҷомеа созгор намудан, сипас илму таҷрибаи гуногун азбар намудан мебошад. Мутафаккир муътақид аст, ки дар сурати риоя шудани чунин тартиби таҳсил ва касби илму донишҳои ҳуқуқӣ ва фалсафӣ, дар байни шариат ва илм (ҳикмат), яъне дар байни дин ва илму фалсафа ҳеч бархурде ва ё зиддияте боқӣ нахоҳад монад, баръакс, онҳо якдигарро тасдиқ ва такмил медиҳанд.

Муҳаққиқ андеша дорад, ки оид ба пайдоиши ҷомеа Мискавайҳ таълимоти махсусро ба вуҷуд овардааст. Ӯ дар таъсиси ҷомеа омилҳои муассирро номбар мекунад. Сарчашмаҳои ҷавҳарии таъсиси ҷомеаро Мискавайҳ махсус номбар кардааст: якум, табиатан мутамаддин ва махлуқи иҷтимоӣ будани инсон ва дуюм, аз тарсу зарурат (ночорӣ) иҷтимоӣ шудани инсонҳо. Омили якум инсонро барои касби ҳуқуқу озодиҳои фитрии худ, омили дуввум – барои эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва риояи низому тартиботи ҳуқуқии дар ҷомеа ҳукмрон тарбия мекунанд. Дар таълимоти мутафаккир, принсипи адолат низ яке аз заминаҳои муҳимми муттаҳид шудани одамон дар ҷомеа ба шумор меравад. Тибқи таълимоти сиёсии Мискавайҳ инсонҳо дар асоси адолати илоҳӣ ба ҷамъият табдил ёфтаанд. Заминаи таъсиси ҷамъиятро дар муқаррароти илоҳӣ дар асоси адолати ӯ шумурда, мутафаккир адолати илоҳиро адолати табиӣ меномад.

Дар маҷмӯъ, Мискавайҳ оид ба пайдоиши ҷомеа ва ҳаёти иҷтимоии инсон омилҳои гуногунро дар якҷоягӣ муассир мешуморад, ки аз таъсири онҳо ҷомеаи инсонӣ (иҷтимоии инсонҳо) пайдо ва аз хонаводаи алоҳида то ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаккул ёфтааст. Он омилҳо инҳоянд: а) табиатан маданӣ ва иҷтимоӣ будани инсон; б) адолати илоҳӣ; в) таҳсили фазоил, камолот; г) тарс ва ночории фарди алоҳида; д) нотавонии инсон дар муқобили табиат; ва е) пешгирӣ аз зулму ситам аст, ки "ҳамагӣ даст ба дасти ҳам дода, ҷамъияти инсониро ба вуҷуд овардаанд".

Андешаи асоснок оид ба принсипҳои рушди таърихиро ба назар гирифта,

Мискавайҳ ҷомеаро тағйирпазир эътироф кардааст. Ба сифати омили тағйирдиҳандаи ҷомеа, мутафаккир иродаи инсонро эътироф мекунад. Давлат ва сарвари он дар таълимоти Мискавайҳ инъикоскунанда ва татбиккунандаи иродаи умумии аҳли ҷомеа эътироф шудаанд. Мискавайҳ рушди нисбии таърихии давлатро дар шакли доира тарафдор буда, ба андешаи ӯ таърихи раванди ташаккулу рушди ҳокимият ва давлат, одатан, чаҳор марҳиларо дар бар мегирад: а) марҳилаи ба даст овардани қудрат; б) марҳилаи истифодаи қудрат; в) марҳилаи тақсими қудрат; г) марҳилаи барканорӣ аз қудрат.

Дар диссертатсия андеша оид ба намудҳои ҳокимият пешкаш мешавад, ки тибқи он Мискавайҳ ҳокимиятро мутобиқи ченаки қонуни будани он тақсим менамояд. Ченаки асосии тақсимот ба қонун мувофиқ будани ҳокимият аст. Тибқи ин ченак ӯ ду намуди ҳокимиятро аз ҳам фарқ мекунад: ҳокимияти қонунӣ – машрӯъ (шаръӣ) ва ҳокимияти ғайриқонунӣ – номашрӯъ (ғайришаръӣ). Намудҳои номбаршударо Мискавайҳ ба таври дигар низ ном мебарад. Масалан, ҳокимияти қонуниро – ҳукумати машрӯъ –“ҳукумати мулукия” ва ҳокимияти ғайриқонуниро – ҳукумати номашрӯъ – “ҳукумати ғалаба” меномад.

Муайян карда мешавад, ки принсипи адолат дар андешаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии Мискавайҳ дар низоми принсипҳои аслии идоракунии давлатии ҷомеа нақши муҳимтаринро мебозад. Принсипи адолат барои ҷомеа зарурати ногузир аст, зеро адолат сабаби ҳамрангӣ ва ҳамоҳангии ҷомеа мешавад ва касрат ва парокандагиҳоро аз байн мебарад. Татбиқи принсипи адолати иҷтимоӣ ба хусус дар арсаи сиёсат ва давлатдорӣ шарт ва зарур аст, ки принсипи адолати иҷтимоӣ ба эътибор гирифта шавад, чунки риояи принсипи адолат сабаби пешрафти ҷомеа мешавад, аммо даст кашидан аз риояи ин принсип бошад, баръакс вайронии давлат ва таназзули соҳаҳои мухталифи зиндагии иҷтимоиро ба дунбол дорад.

Сабабҳои пайдоиши давлат аз ҷониби мутафаккир таҳлил гардида, ба андешаи Мискавайҳ сабабҳои пайдоиши давлат ба чунин омилҳо вобаста мебошанд: а) талабот ба нерӯи ҳамоҳангсозанда ва пешгирӣ аз тазоди манфиатҳои фардҳо; б) талабот ба ҷилавгирӣ аз зулму нобаробариҳо, ноадолатиҳо; в) талабот ба як нерӯю қудрате, ки зиндагии мардумро сомон бахшад. Ин қудрати

танзимкунанда – давлат мебошад, ки инсон дар марҳилаи муайяни рушди иҷтимоии худ ба он ниёз пайдо намуд. Нақши давлатро дар мавҷудият ва заволи ҷомеа муассир мешуморад.

Дар диссертатсия хулоса карда мешавад, ки Мискавайҳ асосгузори андешаи ҳуқуқии вобастагии давлат аз ҳуқуқ (қонун) аст. Мутафаккир ҳуқуқи динӣ (шариат)-ро муҳимтарин манбаи инъикоскунандаи адолати иҷтимоӣ ва танзимгари муносибатҳои ҷамъиятӣ шумурда, нақши меҳварӣ ва калидии мардумро дар қабул кардани ҳокимияти қонунӣ эътироф мекунад.

Дар диссертатсия андешае пешниҳод мегардад, ки Мискавайҳ иштироки фаъолонаи мардумро дар идоракунии давлат талаб намуда, онро рафтори зарурии шаҳрвандон (раият) мешуморад. Аз назари ӯ инсон, ки мавҷуди табъан мутамаддин ва иҷтимоӣ аст, барои расидан ба ҳадафҳои худ бояд ҳамроҳи ҷамъият (иҷтимоъ), бо риояи қонунҳо, барои сарнавишти сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар идоракунии давлат иштирок намояд.

Дар диссертатсия муайян шудааст, ки Мискавайҳ ҳудуди фаъолияти давлат, принсипи масъулияти тарафайни давлат ва шахсият, масъулияти шахсият (фард)-ро нисбат ба ҷомеа ва давлат муайян кардааст: "Ҳукумат наметавонад фардро ба коре бархилофи дастуроти қонун (қонунҳои амалкунанда) маҷбур кунад ва фард ҳам наметавонад аз ҳокимият чизеро талаб кунад, ки хориҷ аз ин чаҳорчӯбаи ҳуқуқ бошад. Ҳам ҳокимияти давлатӣ ва ҳам мардум вазифадоранд, ки дар тамоми рафторҳо ва тасмимоти худ адолат ва инсофро риоя кунанд"(Сайидҳусайни Муъминӣ. Ҷойгоҳи шариат дар андешаи ахлоқии Мискавайҳ // Фаслномаи "Оини Ҳикмат", соли 1389 ҳ. – С. 104 – 115).

Аз маҷмӯи аз дидгоҳҳои Мискавайҳ бармеояд, ки дар сурати мутобиқати фаъолияти ҳокимият бо қонун мардум вазифадоранд, ки бо ҳокимият ҳамкорӣ карда, ба он итоат намоянд.

Дар сурати риоя нашудани қонунҳо аз ҷониби ҳокимият, Мискавайҳ ба раият ҳуқуқи зиддият намудан ва ҳаққи инқилобро додааст. Ба андешаи мутафаккир, агар ҳокимияти давлатӣ тибқи қонун амал накунад, вазифаҳои худро амалӣ карда натавонад ва ё сӯиистифода аз ваколатҳои худ карда, берун аз

дастуроти ҳуқуқ аз ваколатҳо истифода намояд, вазифаи итоат ба ҳокимияти давлатӣ аз (зиммаи) шаҳрвандон соқит мешавад.

Аз таҳлили осори мутафаккир бармоеяд, ки Мискавайҳ замина барои пешниҳоди андешаи инқилобию демократӣ оид ба принсипи назорати доимии халқ (ҷамъиятӣ) аз болои мақомоти давлатӣ ва амалдорони давлатиро пешниҳод кардааст. Ба андешаи мутафаккир, барои анҷоми вазифаҳои шаҳрвандии худ, мардум бояд аз ҳаққи назорати доимӣ бар фаъолияти ҳокимият ва мансабдорони он бархӯрдор бошанд.

Вазифаҳои давлат, ки мутафаккир баён ва таҳлил намудааст, ба андешаи муҳаққиқи ҷавон чунинанд: Вазифаи таъмини саодат; таваҷҷуҳ ба масоили миллӣ ва ҳифзи арзишҳо; таъмин ва риояи адолат ва ҳифзи ҳуқуқу вазъи иҷтимоии аҳолӣ; ҳифзи марзҳо; ҳифзи низом аз душманони дохилӣ ва хориҷӣ; таъмини имконоти зиндагӣ ва эҷоди заминаҳои рушду пешрафти ҷомеа. Мискавайҳ иҷрои ин вазифаҳоро барои пойдории ҷомеа ва давлат муҳимму ҳатмӣ шуморидааст.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои таърихӣ ва осори донишмандон оид ба андешаҳои ӯ ҳамчунин натиҷагириҳо аз таҷриба ва хусусиятҳои хоси таълимоти мутафаккир муайян карда мешаванд. Бо истифода аз хулосаҳои пазируфташудаи илмӣ хусусиятҳои афкори сиёсию ҳуқуқии Мискавайҳ рӯшан карда мешаванд. Мавқеи муаллиф оид ба андешаҳои Мискавайҳ бо дарназардошти хусусиятҳо ва мазмуни ҳар яки он баён мегардад.

Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо зикр карда мешаванд. Хулосаҳои диссертатсия аз он далолат мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илман анҷомёфта мебошад.

Ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои муаллиф бо истифода аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ, Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таълимоти ҳуқуқию сиёсии мутафаккирони гузашта ва муосири тоҷик асоснок карда шудаанд.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, бо истифода аз ақидаҳо ва мафҳумҳои пазируфташудаи илмӣ исбот карда шудаанд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмии анҷомёфта буда, дар он вазифаҳои гузошташуда пурра ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

Диссертация ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувофиқ аст.

Оид ба мавзӯи диссертатсия 15 мақолаи илмии муаллиф, аз он ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақолаи дигар дар нашрияҳои даврӣ ба нашр расонидаанд. Ҳамаи мақолаҳои интишоршудаи муаллиф оид ба муҳтавои диссертатсия навишта шудаанд.

Мазмуну маҳтавои асосии диссертатсия дар интишороти илмии зерини муаллифи диссертатсия дарҷ шудаанд:

**Фехристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Қодиров С.М. Масоили омӯзиши мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Ибни Мискавайҳ. / С.М. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2018/ №3. – С. 239-243.
2. Қодиров С.М. Омилҳои аз байн рафтани ҷомеа ва роҳи пешгирӣ аз он дар андешаҳои Абӯалӣ Муҳаммад Ибни Мискавайҳ. / С.М. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2018/ №6. – С. 210-213.
3. Қодирзода С.М. Таълимоти Мискавайҳ оиди идораи давлат ва мансабдорони давлатӣ. / С.М. Қодиров // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. – С. 226-229.

4. Қодирзода С.М. Андешаҳои ибни Мискавайҳ оид ба мафҳуми ҳокимият ва давлат. / С.М. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ, №2 (30)/ – Душанбе, 2019. – С. 23-28.
5. Қодирзода С.М. Моҳият ва вазифаҳои ҳуқуқ дар ҷомеа аз нигоҳи Ибни Мискавайҳ. / С.М. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ, №4 (32). – Душанбе, 2019. – С. 158-162.
6. Қодирзода С.М. Баъзе андешаҳои ҳуқуқию сиёсии Мискавайҳ. / С.М. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ, №1 (33)/ 2020. Матбааи ҶДММ "Хирадмандон". – Душанбе, 2020. – С. 53-57.
7. Қодирзода С.М. Ҳуқуқэҷодкунӣ аз нигоҳи Ибни Мискавайҳ ва нақши он дар давлати муосири тоҷикон. / С.М. Қодирзода // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ, №1 (33). – Душанбе, 2020. – С. 161-167.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

8. Қодиров С.М. Принсипҳои адолат дар афкори Абуалӣ ибни Мискавайҳ. / С.М. Қодиров // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа: Равандҳои ҷаҳони муосир ва ояндабании иҷтимоӣ (маҷмӯи мақолаҳо). – Душанбе: Пойтахт, 2017. – С. 25-35.
9. Қодиров С.М. Сарчашмаҳои ҷомеа аз нигоҳи Мискавайҳ. / С.М. Қодиров // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, аспирантон, магистрону унвонҷӯён ва донишҷӯён бахшида ба 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Соли 2018 – Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (27-30-юми апрели 2018). – Душанбе: ЭР-граф, 2018 иборат аз 2-ҷилд 705, – С. Ҷ-1. 205-207
10. Қодирзода С.М. Фалсафаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар андешаҳои Абуалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ. / С.М. Қодирзода // Маҷмӯаи

мақолаҳои семинари илмию назариявию дар мавзӯи “Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот ва рушди деҳоти Тоҷикистон” (23-юми майи соли 2019). – Душанбе: Промекспо, 2019. – С. 91-100.

11. Қодирзода С.М. Таълимоти Ибни Мискавайҳ оид ба одоб ва фаъолияти хизматчиёни давлатӣ. / С.М. Қодирзода // Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати далатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯи мақолаҳои омӯзгорон ва магистрон). НАШРИ №1. – Душанбе, 2020. – С. 29-33.
12. Қодирзода С.М. Таърих ва осори зиндагии Абӯалӣ ибни Мискавайҳ . / С.М. Қодирзода // Идораи давлаӣ, менеҷменти сайёҳӣ ва ҳифзи ҳуқуқ. Маҷалаи илмӣ-амалӣ, №1 (01), 2020. – С. 13-21.
13. Қодирзода С.М. Ахлоқ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ аз нигоҳи Ибни Мискавайҳ. / С.М. Қодирзода // Форуми илмии умумидонишгоҳии “Қонуният ва низом дар идораи давлатӣ” бахшида ба хотираи Нурулло Ҳувайдуллоев – аввалин прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Данғара: 20-21 марти соли 2020). –Душанбе: Графика-83, 2020. – С. 192-195.
14. Қодирзода С.М., Буризода Э.Б., Абдулхонов Ф. Моҳият, зарурат ва маъношиносии ҳукумат аз назари Ибни Мискавайҳ. [Матн] / С.М. Қодирзода, Буризода, Э.Б., Ф. Абдулхонов, // Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ дар масъалаҳои сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод ва сохтори давлатдории ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон (Маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорон ва магистрантон). Нашри № 1. Маҷалаи илмӣ-тадқиқотӣ. – Данғара, 2020. – С. 5-13.
15. Қодирзода С.М., Андешаҳои сиёсӣ, ахлоқӣ ва ҳуқуқии Абуалӣ Мискавайҳ Розӣ. [Матн] / С.М. Қодирзода // Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ дар масъалаҳои сиёсат, ҳуқуқ, иқтисод ва сохтори давлатдории ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон (Маҷмӯаи мақолаҳои омӯзгорон ва магистрантон) Нашри № 1. Маҷалаи илмӣ-тадқиқотӣ. – Данғара, 2020. – С. 150-154.

Таҳқиқоти диссертатсионии ба талаботи “Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло диссертатсияи Қодирзода Сайидмуссо дар мавзӯи: "Афкори сиёсию ҳуқуқии Абӯалӣ Муҳаммад ибни Мискавайҳ" ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Дар ҷаласа 15 нафар аъзоёни кафедраҳо иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 15 нафар, «муқобил» нест, «худдорӣ намуданд» – нафар. Протоколи №, « 5 » аз 11 ноябри соли 2020.

**Раисикунанда** – мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарофзода Р.Ш.

Мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдизода Ҷ.М.

**Котиби ҷаласа,**
лаборанти кафедра Бухориева А.Н.

Имзои проф. Шарофзода Р.Ш. ва н.и.ҳ. Саъдизода Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва қисми махсуси ДМТ Тавқиев Э.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ